**Тақриз**

**ба автореферати Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Забон воситаи асосии муоширати байни инсонҳо ба ҳисоб рафта, дар он роҳи тайкардаи халқу миллат таҷассум мегардад ва он дар ҷомеа нақши асосиро иҷро намуда, муаррифгари қавму миллатҳои гуногуннажод ба ҳисоб меравад, ки тавассути он метавон бо расму оин ва фарҳанги миллатҳои гуногун шиносоӣ пайдо намуд. Дар шароити глобализатсия ва бархӯрди фарҳангҳо ҳифз ва пойдории забони миллӣ дар ҷойгоҳи аввал истода, барои рушду такомули он корҳои шоёне ба сомон расида истодаанд. Ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мӯҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар пайёмҳои худ зарурати омӯзиши забонҳои хориҷиро таъкид намуда, ёдрас менамоянд, ки ҳар як инсони комилҳуқуқ бояд на камтар аз ду забони хориҷиро аз худ намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро ин мавзуъ дар забоншиносии муосир то ба ҳол ҳалли худро наёфтааст ва дар ин бора андешаҳои гуногун вуҷуд доранд.

Таҳлил ва таҳқиқи хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, тавассути баррасии вижагиҳои он паҳлуҳои гуногуни қабатҳои дастурии забонҳои муқоисашавандаро муайян ва мушаххас намудан имконпазир мегардад.

Мақсади асосии пажуҳиш, дар навбати аввал, таҳқиқ, омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи хусусиятҳои фарқкунандаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои мавриди таҳқиқ буда, онҳоро аз ҷиҳати сохт ва мазмуну вазифа омӯхта, мавқеъ ва ҷойи истеъмолии онҳо, мувофиқат ва мутобиқати онҳо бо

сарҷумла, тарзи ифода ва воситаҳои грамматикии алоқаи онро бо сарҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба мақсад нишон додан аст.

Навгонии илмии таҳқиқот мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аввалин маротиба дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар шакли таҳқиқи алоҳидаи илмӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст вижагиҳои асосии тавсифҳои ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа, сохтор, қолабҳои ҷумласозии онҳо, таснифоти онҳо, хусусиятҳои сохториву маъноӣ, воситаҳои грамматикӣ ва ифодаи тобишҳои гуногуни маъноҳои иловагии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифта, фарқияту умумияти онҳо дар муқоиса нишон дода шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводди он дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонад ҳангоми коркарди масъалаҳои мубрами грамматикӣ дар пояи таҳқиқи муқоисавӣ истифода гардад. Дар диссертатсия маводди иловагӣ барои баррасии бархе аз масъалаҳои наҳви забонҳои мавриди таҳқиқ ба таври муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ки метавонад ҳамчун сарчашмаҳои асосии пажуҳиш ва омӯзиши минбаъда дар ин самт нақше дошта бошад.

Саҳми шахсии муҳаққиқро дар раванди таҳқиқ ба даст овардани мавод вобаста ба мавзуи диссертатсия, таҳлили шарҳи назариявии адабиёти илмии мансуб ба мавзуи пажуҳиш, яъне ҷумлаи пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод аз сарчашмаҳои мушаххас, яъне аз асарҳои «Ҷейн Эйр»-и Шарлотта Бронте, «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, «Пирамард ва баҳр»-и Эрнест Ҳемингвей ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои тоҷикиву англисӣ, муайян намудани мавқеи пайвандакҳои тобеъкунанда, вожаҳои ҳамнисбат ва интонатсия, мутобиқати шаклҳои феълию хабарӣ дар ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои муқоисашаванда бо такя ба асарҳои зикргардида, нишон додани вижагиҳои ба ҳам монанд ва фарқкунанда дар мавриди таҳлили ҷумлаҳои пайрави сабабу

натиҷа, хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқот ба даст омадаанд, дар бар мегирад.

Диссертант оид ба мавзуъ 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ таҳия ва чоп намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 172 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, навоварии илмии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтор ва ҳаҷми рисола маълумот дарҷ гардидааст.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххас ва дақиқ ҳаллу фасл гаштааст.

Автореферати диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин пурмазмун буда, мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Вале бо вуҷуди комёбиҳо дар фишурда баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасад.
2. Дар автореферати диссертатсия ҷо ҷо ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасад;

Эродҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии ин корро паст намекунанд ва онҳоро муаллиф метавонад дар таҳқиқотҳои оянда ислоҳ намояд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия фарогири матни илмӣ бо забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ буда, мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардааст.

Қобили зикр аст, ки диссертант Орзузода П. Ҷ. аз ӯҳдаи мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои ба даст омада

ба хубӣ баромада, дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҷрибаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи тарҷума ва
грамматикаи забони англисии МДТ- и
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” **Усмонова Рухшона Раҳматовна**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд
маҳаллаи 19, хонаи 29, ҳуҷраи 7
**Тел.:** (+992) 929733237
**E-mail:** usmonova.rukhshona@mail.ru

**Имзои Усмонова Р.Р.-ро тасдиқ мекунам.**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ- и “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” **Сайдуллозода З.С.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Телефон:** (992-3422) 6-75-18
**E-mail:** rector@hgu.tj

28.08.2025с.